# Силсилаи тарбияи фарзандон, қисми сиюшашум: Усули тарбияи набавӣ барои кӯдакон, Асосҳо дар робита бо услубҳои хитоб ба волидайн ва мураббиён

# سلسلة تربية الأولاد، القسم السادس والثلاثون: عن أصول تربية النبوية للطفال

< Тоҷикӣ - Tajik – الطاجيكية >

Таҳия: Ҳақназаров Тоҳир

إعداد: حقنظراو طاهر

Силсилаи тарбияи фарзандон, қисми сиюшашум: Усули тарбияи набавӣ барои кӯдакон, Асосҳо дар робита бо услубҳои хитоб ба волидайн ва мураббиён

## Пешгуфтор

Ин услубҳову равишҳои тарбиявӣ, ки мехоҳем баён намоем ва тазаккур диҳем, аз ҷумлаи равишҳое мебошанд, ки фикру андешаи инсон дар рафти мутолиаву баррасии аҳодиси набавӣ ба онҳо мерасад ва бо диққат додан дар чигунагии муомилаву муошırати Пайғамбари акрам (с) бо кӯдакон ба изофаи хитобҳои бевоситаи он ҳазрат (с) барои кӯдакон ва ё барои волидайн дар бораи шеваи рафтори эшон бо фарзандонашон истинбот мешаванд.

Чунончи мулоҳиза мешавад, зиёд будан ва фаровонии ин услубҳо худ амре аст, ки далолат бар бениёзиву пурбории рукни ҳадисӣ мекунад. Ва ин пурборӣ мукаммалии рукни ҳадисӣ ба нунаест, ки ҳеҷ маҷолу фурсатеро барои тақлид аз услуби шарқӣ ё ғарбӣ боқӣ намегузорад. Ва бар асари фазлу баракати ин фаровонии услубҳо падару модар ва мураббиён метавонанд ба замири кӯдак ва ба тамоми роҳҳои фикрии роҳ ёбанд. Зеро ин услубҳоанд, ки роҳи нуфузро барои онон равшан месозанд ва шеваи муваффақиятро дар бинои шахсияти иҷтимоиву тарбиявии кӯдак ба сӯи пешрафту тараққӣ ироа менамоянд.

Бояд гуфт, дар истинботи ин услубҳо гоҳе баъзе аз аҳодис такрор мешаванд, аммо ин такроре хастакунандаву малоловар нест, балки ба хотири равшан шудани ҷанбаҳои нав ва шинохти гӯшаҳои торику ношинохтае аст, ки ин аҳодис ба онҳо ишора мекунанд...
Баъд аз риояву нигаҳдории ин услубҳову равишҳо муайян мешавад, ки онҳо ба се даста тақсим мешаванд, ки ҳар як аз онҳо дар навбати худ дорои чанд асоси тарбияи набавӣ барои кӯдакон мебошад:

**Дастаи аввал:** Чанд асос хитоб ба падару модарон ва мураббиён ва вазифадор шудани онон ба он асосҳо.

**Дастаи дуюм:** Чанд асоси муассири фикрӣ, ки мураббиён ва падару модарон метавонанд дар рафти онҳо ба ақлу андешаи кӯдак таъсир расонанд ва шахсияти ӯро поярезӣ намоянд.

**Дастаи сеюм:** Чанд асоси муассири равонӣ вуҷуд дорад, ки мураббиён ва волидайн метавонанд ба қалби кӯдак роҳ ёбанд ва ӯро бар асоси эътимод ба бхуд парвариш кунанд.

Оре, ин як талоши хоксоронаву мухлисонае аст, ки тавфиқи анҷоми онро аз Худованди ғолибу тавоно хоҳонам ва шакке нест, ки дар ин талош ҳар он чӣ, ки саҳеҳ ва мутобиқи воқеъ мебошад, амре аст, ки Худованд онро инояту марҳамат фармудааст. Ҳар навъ иштибоҳу лағжиш, ки ба назар бирасад, ҳатман аз ҷониби ман ва бар асари кӯтоҳию саҳлангории ман мебошад. Аз ин рӯ, умед аст, Худои мутаъол маро мавриди афву омӯрзиши Худ қарор диҳад ва иштибоҳотамро бибахшад.

Дар ин ҷо лозим аст ба ин амр ишора шавад, ки тариқаи истинботи ин матолибу мафҳумҳо бевосита аз аҳодис анҷом шудааст, бар хилофи он чӣ, ки иддае шеваи истинботро аз услуби ғарбӣ ё шарқӣ дарёфт мекунанд ва онро дар амри тарбия ба кор мегиранд. Сипас, ба хотири барои он далел ёфтан ба такопӯ меафтанд. Вале ба назари ман, Худо беҳтар медонад, дар воқеъ, ин амал як амри зоҳирсозиву риёкорӣ аст ва тӯл намекашад, ки дурӯғу бепоягии чунин услубҳо фош ва бармало мегардад. Зеро агар аз услуби салафи солеҳ пайравӣ кунем, дармеёбем, ки Қуръон ва суннат ду манбаи асиланд ва амали салафи солеҳ татбиқи он чи дар Қуръону суннат омадааст, мебошад. Пас, ба ин васила равшан мешавад, ки услуби он идда аз ҷумлаи масоиле ҳастанд, ки шариатро ба сӯи таноқузоте мекашонад, ки дар асл аз онҳо пок аст.

## Асоси аввал, сармашқе некӯ

Табиист, улгӯву сармашқи некӯ дар рӯҳу равони кӯдак асари зиёде дорад, зеро кӯдак ғолибан аз падару модари худ пайравӣ мекунад, то он ҷое ки падару модар бештарин осорро дар руҳу равони ӯ ба вуҷуд меоранд ва онҳоро дар вуҷудаш мунъакис мекунанд. Чунонки Пайғамбари акрам (с) мефармоянд:

***«Ҳар навзоде бар фитрати пок таваллуд мешавад ва ин падару модараш ҳастанд, ки ӯро яҳудӣ, ё насронӣ ва ё маҷусӣ мегардонанд».***[1]

Равшан аст, ки Пайғамбари акрам (с) пайваста падару модарро ба хулқу хӯи нек ва ба садоқату дурусткорӣ дар вақти муоширот ва дар кирдору рафтори худ бо фарзандонашон бармеангезад. Расули Худо

[1]. Ба ривояти Абуҳурайра.

(с) мефармоянд: ***«Шахсе ба кӯдаке бигӯяд: "Биё,*** *(то инро)* ***ба ту бидиҳам, сипас, онро ба ӯ надиҳад, ин амал ба унвонигуноҳе барои ӯ навишта мешавад».***[2]

Дар ривояти дигар омадааст, ки Абдуллоҳ ибни Омир гуфт: *"Рӯзе, дар ҳоле ки Расули Худо (с) дар хонаи мо нишаста буданд, модарам маро нидо карда гуфт: "Биё, инро ба ту бидиҳам!" Он ҳазрат (с) фармуданд:* ***«Чӣ чизеро мехоҳӣ ба ӯ бидиҳӣ?».*** *Модарам гуфт: "Мехоҳам ба ӯ хурмо бидиҳам". Он ҳазрат (с) фармуданд:* ***«Агар ту чизе ба ӯ надиҳӣ, дурӯғе ба зиёни ту навишта мешавад».***[3]

Бояд донист, ки кӯдакон пайваста роҳу рафтори бузургтарҳоро назорат ва аз оншо пайравӣ мекунанд, ба хусус роҳу равиши падарону модарони худро. Бинобар ин, агар падарону модарони худро содиқу дурусткор биёбанд, бидуни шак онҳо низ бар асоси садоқату дурусткорӣ парвариш меёбанд. Дар тамоми корҳо фарзандон ба падару модрашон иқтидо мекунанд.

Оре, ин Ибни Аббос (р) аст, ки дар даврони кӯдакияш шоҳиду нозири Пайғамбари акрам (с) буд, ки дар пеши чашми ӯ намози шаб мехонд ва ӯ низ аз он ҳазрат (с) пайравӣ карда, ба ин кор мубодират меварзад ва ба Расули Худо (с) мепайвандад, то ба ӯ иқтидо кунад. Чунонки худи Ибни Аббос (р) мегӯяд: *«Шабе назди холаам Маймуна хобида будам, вақте посе аз шаб гузашт, дидам ки Расули Худо (с) аз хоб бархостанд ва аз зарфи обе, ки он ҷо буд, ба оромӣ таҳорат гирифтанд, сипас, шурӯъ ба намоз хондан карданд. Ман низ (ба пайравӣ аз ӯ) баланд шудам ва он тавре, ки Пайғамбар (с) таҳорат карданд, ман ҳам таҳорат кардам. Сипас омада дар тарафи чапи Пайғамбар (с) истодам, он ҳазрат (с) дастамро гирифта, дар тарафи рости худ қарор доданд. Сипас он тавре, ки Худо мехост, намоз хонданд...».*[4]

Бинобар ин, чунонки мулоҳиза мешавад, ин кӯдак (Ибни Аббос) дид, ки Расули Худо (с) таҳорат мекунанд, ӯ низ ба монанди он ҳазрат (с) таҳорат кард ва ба ӯҳамроҳ шуд ва намоз хонд. Таъсирпазирию нақшпазирии улгӯи ва сармашқи некӯ дар вуҷуди кӯдак ин гуна аст.

Бояд гуфт, намуна ва сармашқи некӯ аз падару модар ба ин хотир аст, ки кӯдаки дар таҳти сарпарастии онон парваришёбанда мудом кирдору рафтори ҳардуи онҳо дар ҳар ҷо, ки бошанд, назорат мекунад ва иллати онро аз эшон ҷӯё мешавад. Бинобар ин, агар падару модар

---

[2]. Ба ривояти Имом Аҳмад аз Абуҳурайра (р).

[3]. Ба ривояти Абудовуд аз Абдуллоҳ ибни Омир (р).

[4]. Ба ривояти Бухорӣ аз Ибни Аббос (р).

рафтору кирдори хуб дошта бошанд, рафтору кирдори кӯдак низ хуб мешавад. Чунонки Абдуллоҳ ибни Абубакра (р) дар кӯдакӣ дуоҳои падарашро таҳти назар мегирифт ва иллати онҳоро аз ӯ мепурсид, падараш низ ҷавоб медод ва далели амали хешро барои ӯ баён мекард. Ӯ мегӯяд: “*Рӯзе аз падарам пурсидам: “Эй падари меҳрубонам! Ҳар рӯз аз ту мешунавам, ки мегӯӣ:* ***«Аллоҳумма ъофини фи самъӣ, аллоҳумма ъофини фи басарӣ ва ло илоҳа илло Анта»*** *ва ту онҳоро вақти субҳ се бор ва шаб се бор такрор мекунӣ!” Падараш дар ҷавоб гуфт: “Эй писарам, ман аз Расули Худо (с) шунидам, ки бо ин калимоту ҷумлаҳо дуо мекарданд ва ман низ дӯст медорам, суннати ӯро анҷом диҳам ва аз равиши ӯ пайравӣ кунам.*[5]

Бинобар ин, падару модари мусалмон пайваста мекӯшанд, то он ҷое ки метавонанд, кору кирдор ва рафтори худро бо авомири Худо ва Расули Худо (с) татбиқ диҳанд, чун медонанд, ки кӯдаконашон мудом дар шабу рӯз ва дар ҳар лаҳза назорратгари кирдору рафтори онон мебошанд. Бидуни шакку тардид, кӯдак дар ба даст овардану дарки масоил ва пазируфтан, ё напазируфтани онҳо қудрати бисёр волое дорад ва бузургтару болотар аз гумони мо дар бораи онҳост, ки мо ӯро мавҷуди хурде, ки на чизеро дарк мекунад ва на ба он таваҷҷӯҳ менамояд, мепиндорем.[6]

## Асоси дуюм, дар назар гирифтани вақти муносиб барои раҳнамоӣ ва фаҳмондани кӯдак

Бегумон, агар падару модар барои раҳнамоӣ ва фаҳмондани чизҳое, ки ба фарзандонашон ёд доданианд ва ҷиҳати талқини он чи, ки ба эшон фаҳмонданашро дӯст медоранд, вақти муносиберо интихоб кунанд ва онро дар назар бигиранд, бешубҳа бисёр муассир мебошад ва дар баҳраманд шуданашон аз насиҳату андарз нақши фаъолеро ифо мекунад. Равшану возеҳ аст, интихоби вақти муносибе, ки дар рӯҳу равони кӯдак муассир мебошад, амали тарбиявиро осон мекунад ва ранҷу заҳмати онро коҳиш медиҳад. Зеро агар падару модар битавонанд барои раҳнамоии кӯдак ва фаҳмондани матолиби хеш замони муносиберо фароҳам созанд, бешубҳа қалбҳои шунавандаҳо онҳоро хубтар мепазиранд ва дар онҳо бештар диққату тафаккур

[5]. Ба ривояти Абудовуд аз Абдуллоҳ ибни Абубакра (р).
[6]. Нақл аз «Манҳаҷут-тарбиятул-исломия». – Ҷ. 2.. – С. 117, таълифи Муҳаммад Қутб.

мекунанд, ки дар натиҷа нисбат ба амали тарбиявии худ муваффақияти бузургеро касб хоҳанд кард.

Расули Худо (с) дар мавриди таъйину интихоби замону макони муносиб барои фаҳмондан ва раҳнамоии кӯдак ва ба таври матлуб истифода бурдан аз он замону макон дар омӯхтани афкори дуруст ба кӯдак ва ислоҳи рафтори ғалату кирдори носолими ӯ,ҳамчунин ба поягузории рафтори дуруст ва ҷойгузинии кирдори солим дар ӯ бисёр аҳамият дода ва назари хоссе доштаанд. Аз ин рӯ, се вақти асосиву муносибро барои раҳнамоӣ ва фаҳмондани кӯдак таъйин фармудаанд. Ин се вақтро дар поён зикр хоҳем кард:

### 1. Дар вақти гардиш ва роҳ рафтан ва савор шудан ба василаи нақлиёт

Дар ин бора аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: “*Рӯзе пушти сари Расули Худо (с) қарор гирифта будам, фармуданд:* ***«Эй писарбачча! Ин чанд ҷумларо ба ту ёд медиҳам*** *(онҳоро дар ёд дошта бош, пайваста авомир ва навоҳии)* ***Худовандро ҳифз ва риоя намо, Худованд низ туро*** *(аз ҳар чизе)* ***маҳфуз медорад, Худоро ба ёд дошта бош*** *(пайваста)* ***ӯро дар пеши рӯи худ меёбӣ, ҳар гоҳ чизе хостӣ, онро фақат аз Худо бихоҳ ва ҳар вақт кӯмаку ёрӣ талабидӣ, танҳо аз Худо кӯмаку ёрӣ талаб кун. Бидон, ки агар тамоми мардум ҷамъ шаванд бар ин ки ба ту нафъе бирасонанд, ҳатман ҷуз он андоза, ки Худованд бароят муқаддар кардааст, ба ту нафъ намерасонанд ва агар ҳамаи мардум ҷамъ шаванд бар ин ки ба ту зарару зиёне бирасонанд, ҷуз он миқдор зараре, ки Худованд бар ту таъйин фармудааст, намерасонанд. Бинобар ин, ҷуз он чи, ки Худованд ирода фармудааст, ҳеҷ кас ва ҳеҷ чизе қодир ба расонидани хайру шар намебошад».***[7]

Чунонки мулоҳиза мешавад, ин ҳадис далолат ба он мекунад, ки насиҳатҳову раҳнамоиҳои Пайғамбари акрам (с) барои Ибни Аббос (р) дар роҳ анҷом гирифтааст, ки ҳар дуи онон, ё гардишкунон дар ҳоли қадам задан буданд ва ё савори чаҳорпо. Шакке нест, ки ин насиҳатҳову тавҷеҳот дар хонаи дарбаста анҷом нагирифт, балки дар берун аз хона, дар ҳавои озод, он ҷо, ки кӯдак барои омӯхтану пазириши насиҳатҳову роҳнамоҳо омодатару хушҳолтар мебошад, сурат гирифт.

Ногуфта намонад, Ҳоким дар «Мустадрак»-и худ ин ҳадисро ривоят намуда, таъкид мекунад, ки насиҳатҳои Пайғамбари акрам (с)

---

[7]. Ба ривояти Тирмизӣ.

барои Ибни Аббос (р) дар ҳолати бар чаҳорпое савор буданашон анҷом гирифтааст. Чунонки аз худи Ибни Аббос (р) ривоят шудааст, ки Хисрав (шоҳи Форс) *ба Пайғамбари акрам (с) астаре ҳадя карда буд ва Пайғамбари акрам (с) ба василаи ресмони аз пашм бофташуда савори он шуданд. Сипас, маро пушти сари худ савор карданду ба оромӣ ба роҳ афтоданд. Сипас ба ман рӯ оварда фармуданд:* ***«Эй писарбачча!».*** *Гуфтам: "Бифармоед эй Расули Худо (с), гӯш дорам! Фармуданд:* ***«Ин чанд ҷумларо ба ту ёд медиҳам...»*** *то охири ҳадис.*[8]

Яке аз асрори *Пайғамбари акрам (с)* ин буд, ки кӯдаке аз кӯдаконро дар роҳ пушти сари худ савор мекард, то ин роз ҳамвора маҳфузу боқӣ бимонад, ба хотири ин ки кӯдак дар чунин вақтҳо барои омӯхтани матолиб бисёр омодаву таъсирпазир аст. Чунонки Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар (р) гуфтааст: "*Рӯзе Пайғамбари акрам (с) маро пушти сари худ савори чаҳорпое карданду розеро ба пинҳонӣ ба ман фармуданд, онро барои ҳеҷ кас бозгӯ намекунам. Беҳтарин чизе, ки Пайғамбари акрам (с) барои рафъи ҳоҷат худро дар канори он (ба унвони монеъ ва пӯшише) пинҳон медоштанд, пушти замини баланд ва ё пушти девори боғи хурмо буд.*[9]

**2. Дар вақти таомхӯрӣ:**

Дуюмин замони муносиб барои фаҳмондану раҳнамоии кӯдакон вақти таомхӯрӣ аст, зеро кӯдак дар ин вақт мекӯшад бар сиришту ниҳоди худ раҳо шавад ва мехоҳад таоми пеши ӯ чанд баробар бошад. Гоҳо дар ин ҳолат корҳои нописанду нангинеро анҷом медиҳад ва аҳёнан ба одоби дигаре гароиш мeёбад. Аз ин рӯ, агар дар асрои таомхӯрӣ падару модараш ба хотири иштибоҳоти ӯро ислоҳ намудан дар назди вай нанишинанд, албатта кӯдак дар гарави одатҳои баду нафратангези худ боқӣ хоҳад монд. Ҳамчунин нанишастани падару модар бо кӯдакони хеш ҳангоми хӯрокхӯрӣ сабаб мешавад, ки онҳо замони муносиберо ҷиҳати омӯхтану раҳнамоӣ намудани кӯдакони худ аз даст бидиҳанд. Пайғамбари акрам (с) бо кӯдакон таом мехӯрданд ва дар асрои хӯрокхӯрӣ шоҳиду нозири порае аз иштибоҳоти онон мешуданд ва ба услуби зиндаву мантиқӣ ақлу равони кӯдакро ба ислоҳ намудани иштибоҳҳояш бармеангехтанд ва ӯ

[8]. Ба ривояти Ҳоким дар «Мустадрак». – Ҷ. 3.. – С. 541.
[9]. Ба ривояти Муслим аз Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар (р).

низ ислоҳ мешуд. Чунончи Умар ибни Абусалама[10] гуфтааст: «*Ман писарбаччае будам, ки таҳти сарпарастӣ ва тарбияи Пайғамбар (с) қарор доштам. Вақти хӯрок хӯрдан, дастамро ба атрофи косаи таом дароз кардам. Пайғамбари Худо (с) ба ман фармуданд:* ***«Эй писар! Ҳангоми хӯрдани таом "Бисмиллоҳ» бигӯ ва бо дасти рост бихӯр, таомро аз пеши худат бигир ва ба атрофи дигари косаи таом даст дароз макун»!*** *Баъд аз онҳамеша одоб ва шеваи хӯрокхӯрии ман ба ин дастури Пайғамбар (с) буд».*[11]

Дар ривояти дигар омадааст, ки Пайғамбари акрам (с) ба ӯ фармуданд: ***«Эй писарам, ба суфраи таом наздик шав ва хӯрокро ба номи Худо шурӯъ кун ва бо дасти росту аз он чи, ки дар пеши ту аст, бихӯр!».***[12]

Чунонки аз ин ривоят бармеояд, Пайғамбари акрам (с) кӯдакро ба сари суфра даъват мекунанд, то бо ӯғизо бихӯранд. Сипас, бо нармиву меҳрубонӣӯро ба одоби писандида ва равиши дурусти таомхӯрӣ мутаваҷҷеҳ месозанд.

Машҳур аст, ки саҳобаи бузургвор вақте ба меҳмонӣ даъват мешуданд, кӯдакони хешро ҳамроҳи худ ба маҷлиси меҳмонӣ мебурданд, ба хусус маҷолисе, ки Пайғамбари акрам (с) дар он ҳузур доштанд. Ба ин восила, дар ин гуна меҳмониҳо иттилооти муфид ва одобу русуми иҷтимоиро меомӯхтанд ва кам-кам нерӯву хислатҳои мардонагии бузургсолиро касб мекарданд…

Дар ривоят омадааст, ки шахсе аз ансор гуфт: «*Ҳамроҳи Пайғамбари акрам (с) ба дунболи ҷанозае мерафтем, то ба маҳалли дафн расидем. Пайғамбари акрам (с)-ро дидам, ба гӯркан дастур медоданд ва мефармуданд:* ***«Тарафи сар ва ду пояшро фарох кун».*** *Вақте фориғ шуд, шахсе ба намояндагӣ аз ҷониби зане аз Қурайш ба назди Пайғамбари акрам (с) омад ва гуфт: «Фалон зан шумо ва ёронатонро даъват мекунад». Пас, назди он зан омаданд ва вақте он гурӯҳ нишастанд, таом оварда шуд. Пайғамбари акрам (с) даст ба таом бурданд ва он гурӯҳҳам даст ба таом бурданд. Дар ҳоле ки Пайғамбари акрам (с) таом мехӯрданд, ногаҳон дасташонро нигоҳ дошта, гуфтанд:* ***«Мо дар маҷолиси кӯдакон аз ҷониби падаронашон нишастаем».*** *Дар ин асно онон низ ба Пайғамбари акрам (с) нигаристанд, ки ба оромӣ луқмаеро меҷӯянд. Он мард ба задани дасти*

---

[10]. Умар ибни Абусалама баъд аз вафоти падараш дар таҳти сарпарастии Пайғамбар (с) қарор гирифт ва ҳамроҳи модараш Уммисалама (р) ҳамсари Пайғамбар (с), дар хонаи он ҳазрат (с) парвариш ёфт. (Нақл аз «Тоҷул-усул». – Ҷ. 3.. – С. 116).

[11]. Ба ривояти Бухорӣ ва Муслим аз Умар ибни Абусалама (р).

[12]. Ба ривояти Абудовуд, Тирмизӣ ва Ибни Ҳиббон дар «Саҳеҳ».

*писараш шурӯъ кард, то луқмаи гӯштро аз дасташ биандозад. Пайғамбари акрам (с) фармуданд:* ***«Гӯшти гӯсфандеро меёбам, ки бидуни иҷозати соҳибаш бардошта шудааст…».***[13]

Дар ривояти дигар омадааст, ки он мард гуфт: «*Падарам маро ҳамроҳи худ бурд ва пеши дасти падаронамон дар маҷолиси фарзандон аз ҷониби падаронашон нишастем*».

Боз дар ривояти сеюмӣ ба ин ибора омадааст: «Он мард гуфт: «*Дар ҳоле ки ман кӯдак будам, ҳамроҳи падарам бо Пайғамбари акрам (с) рафтем…* то охири ҳадис».

### 3. Ҳангоми бемории кӯдак

Сеюмин вақти муносиб барои фаҳмондану раҳнамоии кӯдак вақти бемории ӯ аст, зеро беморӣ қалбҳои бузургони сангдилро нарм мекунад, чӣ расад ба кӯдаконе, ки пайваста қалбҳояшон ба василаи нармиву ҳусни истиқбол обод мебошад. Бинобар ин, ҳангоме ки кӯдак бемор мешавад, дар байни ду сиришти бузургу муҳим дар ислоҳи рафтору иштибоҳҳояш ва ҳатто дар дуруст намудани эътиқодаш қарор мегирад, яке сиришти фитрати даврони кӯдакӣ, дигаре сиришти нармии қалбу равон дар аснои беморӣ. Пайғамбари акрам (с) моро ба ин сиришт чунин мутаваҷҷеҳ сохтаанд, ки кӯдаки яҳудиро, ки бемор буд, беморбинӣ рафтанд ва ӯро ба Ислом даъват намуданд, ки дар натиҷа ин беморбинӣ калиди кушоиши равзанаи тобиши нури Ислом дар қалби он кӯдак гардид. Чунончи Анас (р) мегӯяд: “*Як писарбаччаи яҳудӣ, ки корҳоеро барои Пайғамбар (с) анҷом медод, бемор шуд. Пайғамбар (с) ба аёдати ӯ рафта, бар болинаш нишастанд ва гуфтанд:* ***«Мусалмон шав».*** *Писар нигоҳе ба падари худ кард, ки дар канораш нишаста буд ва падараш низ ба ӯ гуфт: “Аз Абулқосим итоат кун”. Сипас он писар мусалмон шуд ва* ***«Ашҳаду алло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан расулуллоҳ»****, гуфт. Сипас Пайғамбар (с) берун рафтанд, дар ҳоле ки мефармуданд:* ***«Ҳамду сипос Худоеро, ки он писарро*** *(ба василаи ман)* ***аз оташи Дӯзах наҷот дод».***[14]

Дидӣ, ки Пайғамбар (с) чӣ гуна ин кӯдакро, ки барои ӯ кор мекард, ҳанӯз ӯро ба Ислом даъват нанамуда буданд, то ин ки замони муносиберо барои даъват ба Ислом ёфт ва назди ӯ рафта, ба Ислом даъваташ намуданд, ӯ низ Исломро пазируфт.

---

[13]. Ба ривояти Доракутнӣ ч. 4.. – С. 285 аз Осим ибни Кулайб (р) аз падараш, аз марди ансорӣ.
[14]. Ба ривояти Бухорӣ аз Анас (р).

Бо фурӯтании тамом аз пешгоҳи Парвардигори ҷаҳон дархост менамоям, ки ин шеваи даъвати Пайғамбари акрам (с)-ро ба ҳамаи мо иноят бифармояд, сабру бурдбории даъвату даъватгариро ва тавфиқи таъйину дар назар гирифтани замони муносибро барои илқои имон дар қалбҳои дигарон ва фаҳмондани масоили динӣ ба онон ро насиби мо бигардонад.

Оре, ба ҳамин хотир аст, ки ин се вақти муҳимму муносиб абзору василаи бисёр муассиранд дар дасти волидайн, то бар асоси раҳнамоии мантиқӣ ва фаҳмондадиҳии дуруст сохтори шахсияти кӯдакро поярезӣ кунанд. Ин се вақт ҳамчунонки ба тафсил баён гардид, аз ин мавзӯъҳо иборатанд: 1 – Дар вақти гардишу роҳ рафтан ва савор шудан бар василаи нақлиёт; 2 – Ҳангоми таомхӯрӣ; 3 – Дар вақти бемории кӯдак. Ҳамчунин вақтҳои дигаре ҳам, ки падару модар барои фаҳмондану раҳнамоии кӯдакони худ онҳоро муносибу муфид бидонанд.

## Асоси сеюм,
## эҷоди адолат ва баробарӣ дар байни фарзандон

Ин сеюмин асосе аст, ки ба василаи он падару модар мавриди хитоб қарор мегиранд ва ба риояи он вазифадор мешаванд, то ин ки битавонанд он тавре, ки мехоҳанд, ба эҷоди адолату мусовот дар байни фарзандони худ таҳаққуқ бахшанд, зеро эҷоди адолату мусовот байни фарзандон дар мубодират варзидан дар некӣ ва фармонбардорӣ дар ҳаққи падару модар асари зиёде дорад.

Басанда аст бидонем, ки дарку эҳсоси кӯдак ба ин ки вақте падару модараш ва ё яке аз он ду ба яке аз бародаронаш бештар таваҷҷӯҳу муҳаббат мекунанд ва мавриди икрому иршод қарор медиҳанд, аммо таваҷҷӯҳу эътиное ба ӯ намекунанд, мусалламан ҳамин дарку эҳсоси табъиз, Худои нахоста, кӯдакро бадахлоқ мегардонад, ба гунае ки падару модар қудрати пешгирии онро надошта бошанд ва чунон ӯро ҳасуду бадбин месозад, ки дигар наметавонанд ӯро назорат кунанд. Монанди бародарони Юсуф, вақте донистанд падарашон қалбан бештар Юсуфро дӯст медорад ва нисбат ба ӯ таваҷҷӯҳи хоссе дорад, падарашонро ба иштибоҳ андохтанд ва дар садади аз байн бурдани бародари худ баромаданд, ки Қуръон мефармояд:

﴿إِذۡ قَالُواْ لَيُوسُفُ وَأَخُوهُ أَحَبُّ إِلَىٰٓ أَبِينَا مِنَّا وَنَحۡنُ عُصۡبَةٌ إِنَّ أَبَانَا لَفِي ضَلَٰلٖ مُّبِينٍ ٨﴾

[يوسف: ٨]

**«Ҳангоме ки** (бародарони Юсуф) **гуфтанд: “Юсуф ва бародараш назди падарамон аз мо маҳбубтаранд, дар ҳоле ки мо гурӯҳи неруманде ҳастем, бегумон падарамон дар иштибоҳи оҳкоре аст».**[15]

Бинобар ин, бародарони Юсуф ба иқдом намудан ба амали зишт дар ҳаққи бародар ва падари худ розӣ шуданд. Дар ин робита Қуръон мефармояд:

﴿ٱقۡتُلُواْ يُوسُفَ أَوِ ٱطۡرَحُوهُ أَرۡضٗا يَخۡلُ لَكُمۡ وَجۡهُ أَبِيكُمۡ وَتَكُونُواْ مِنۢ بَعۡدِهِۦ قَوۡمٗا صَٰلِحِينَ ٩ قَالَ قَآئِلٞ مِّنۡهُمۡ لَا تَقۡتُلُواْ يُوسُفَ وَأَلۡقُوهُ فِي غَيَٰبَتِ ٱلۡجُبِّ يَلۡتَقِطۡهُ بَعۡضُ ٱلسَّيَّارَةِ إِن كُنتُمۡ فَٰعِلِينَ ١٠﴾ [يوسف: ٩، ١٠]

**«Юсуфро бикушед ё ӯро ба сарзамине** (дурдаст) **биафканед, то таваҷҷӯҳи падаратон фақат ба шумо шавад ва баъд аз он** (бар асари тавба ва изҳори пушаймонӣ) **афроде солеҳ хоҳед гашт.**[16] **Гӯяндае аз онҳо гуфт: “Юсуфро макушед ва балки, ӯро дар чоҳи торик биафканед, то баъзе аз мусофирон ӯро баргирад, агар** (барои дур кардани вай) **мехоҳед коре бикунед».**[17]

Ҳамин тавр, онон ин тавтиаву муқаддимачиниро бар зидди бародари хурди худ андешиданд, бародаре, ки ҳанӯз ба синни балоғат нарасида буд ва ҳеҷ гуноҳе надошт, ҷуз ин ки падараш ӯро нисбат ба дигар бародаронаш бештар дӯст медошт. Ин аст натиҷаи ҳасодату рашкварзӣ ва кайду найрангсозӣ. Ба ҳамин хотир аст, ки падару модар ҳарчи аз насиҳатҳову раҳнамоиҳо ва ҳар андоза тарғибу тарҳибро ба фарзандони худ ба кор барад, ҳеҷ гуна натиҷаи мусбату асари самарабахшеро дарбар нахоҳад дошт, модоме ки иҷрои адолату мусовотро аз назари моддиву маънавӣ дар байни онон ӯҳдадор нагарданд ва модоме ки майлу муҳаббати қалбии хешро дар баробари кӯдакону фарзандони худ яксон насозанд.

Пайғамбари акрам (с) қоидаи азиму муҳиммеро дар робита ба тариқаи некӣ кардани кӯдакон дар ҳаққи волидайни худ ва шеваи итоату фармонбардорӣ аз ононро барои мо муқаррар фармудаанд, ки

---

[15]. Сураи Юсуф, 12: 8.
[16]. Яъне: тавба кунед.
[17]. Сураи Юсуф, 12: 9-10.

ҳамон иҷрои адолату мусовот дар байни фарзандон ва худро вазифадор донистан ба риояи он аст.

Чунонки Бухорӣ аз Нӯъмон ибни Башир (р) ривоят намуда, ки гуфтааст: *“Падарам маро назди Пайғамбари акрам (с) бурда гуфт: “Эй Расули Худо, шумо шоҳид бошед, ки ман ғуломе дорам ва онро ба ин писарам Нӯъмон ҳадя кардаам!” Пайғамбари акрам (с) фармуданд:* ***«Оё ба ҳамаи фарзандонат чунин ҳадя кардаӣ?».*** *Гуфт: “Не”. Пайғамбари акрам (с) фармуданд:* ***«Пас, маро бар зулму ситам ба гувоҳӣ магир».*** *Сипас фармуданд:* ***«Оё мехоҳӣ, ки фарзандонат дар ҳаққи ту яксон некӣ кунанд?».*** *Гуфт: “Оре”. Пайғамбари акрам (с) фармуданд:* ***«Ту низ чунин бош ва дар миёни онон табъиз қоил машав».***[18]

Ин ҳадис дар ривояти Муслим ба ин ибора омадааст: *“Пайғамбари акрам (с) ба падари Нӯъмон фармуданд:* ***«Оё ҳамин корро нисбат ба ҳамаи фарзандонат анҷом додаӣ?».*** *Он мардгуфт: “Не”. Пайғамбари акрам (с) фармуданд:* ***«Аз Худо битарсед ва дар байни фарзандонатон адолатро риоя кунед».*** *Нӯъмон мегӯяд: “Саранҷом, падарам аз ин ҳадяву бахшиш баргашт ва пушаймон шуд”.*[19]

Ҳадиси боло дар ривояте, ки Дораҷутнӣ нақл намудааст, чунин аст: *“Пайғамбари акрам (с) ба падари Нӯъмон фармуданд:* ***«Ғайр аз ин писар фарзанди дигаре дорӣ?».*** *Гуфт: “Оре”. Пайғамбари акрам (с) фармуданд:* ***«Он чиро, ки ба ин писарат бахшидӣ ба онон низ бахшидӣ?».*** *Гуфт: “Не”. Пайғамбари акрам (с) фармуданд:* ***«Ман ва амсоли ман бар чунин коре шаҳодат намедиҳанд, зеро Худованди мутаъол дӯст медорад, ки шумо дар байни фарзандонатон адолатро риоя намоед, ҳамон тавре, ки дӯст медоред, дар байни худ низ адолатро риояву барқарор кунед».***

Дар ривояти дигар омадааст, Пайғамбари акрам (с) ба падари Нӯъмон фармуданд: ( *Пайғамбари акрам (с) се бор пушти сари ҳам фармуданд:) “* ***Адолатро дар байни фарзандонатон риоя кунед».***[20]
Устод Абдулғании Ноблусӣ дар таъбиру тафсири ин аҳодис мегӯяд: *“Аҳодис ва ривоёти боло ба таври иттифоқ ин воқеиятро мерасонанд, ки риоя нанамудани адолату мусовот дар байни фарзандон ҳаром мебошад. Гузашта аз ин, бо бартарӣ додани баъзе бар баъзеи дигар фарқу табъиз қоил шудан дар байни фарзандон, амре аст мӯҷиби эҷоди душманиву кинатӯзӣ ва*

[18]. Ба ривояти Имом Аҳмад, Абудовуд, Насоӣ ва Ибни Ҳиббон аз ҳадиси Нӯъмон ибни Башир (р).
[19]. Ба ривояти Муслим.
[20]. Ба ривояти Муслим.

*бuғзу ҳасодат дар миёни онон, ки саранҷом ба қатъи раҳми якдигар бурда мерасонад.*[21]

Яке аз аломатҳои бедории салафи солеҳ ин будааст, ки онон адолатро дар миёни фарзандони худ, ҳатто дар бӯсидан, риоя мекарданд, он ҳам ба хотири посух ба нидои Пайғамбари акрам (с) ва иҷрои дастури Ӯ, то он ҷое ки дар бӯсидани писарбаччаву духтарбачча ба таври баробар таъкид фармудаанд. Чунончи дар ривояте омадааст, ки Анас (р) гуфт: *"Марде ҳамроҳи Пайғамбари акрам (с) нишаста буд, ногаҳон писараш омад ва ӯро бӯсиду дар оғӯши худ нишонд, сипас духтараш омад ва ӯро гирифту дар канори худ нишонд. Пайғамбари акрам (с) ба ӯ гуфтанд:* ***«Дар миёни он ду фарзандат адолатро риоя нанамудӣ».***[22]

Товус мегӯяд: *"Табъиз ва риоя накардани адолат ҷоиз нест, агарчи ба василаи бурдаи нони сӯхтае бошад.* Ибни Муборак низ ҳаминро гуфтаву маънои онро аз Муҷоҳид ва Урва нақл кардааст.[23]

Бинобар ин, кадом барномае дар тамоми олам ва чӣ омӯзишгоҳи тарбиявӣ дар рӯи курраи замин метавонад инчунин ба риояи адолат дар бӯсидан, дар нишастан дар оғӯш ва қарор гирифтан дар канор таваҷҷӯҳ кунад ва онро мавриди таъйид қарор диҳад? Зеро ин гуна риояи адолат чароғдон (мишкот)-и нубувват аст ва фақат Ӯ аст, ки метавонад ҳангоми вуқӯъи ихтилофу низоъ ва вақти ҷангу ҷидол дар байни писарон ё фарзандон, ҳатто дар рӯҳу равони кӯдакони дар ҳоли рушду нумӯ кудуратҳоро бизудояд ва ононро аз кайду найрангсозӣ ва аз ҳасодату кинаварзӣ дур гардонад. Зеро лозим аст ихтилофу кашмакашро дар байни онон бартараф намуда ва ба ҷои он ба исботи ҳақ, аз байн бурдани ботил ва ба эҷоди адолату мусовот дар миёни эшон пардохт, ҳамон тавре ки Пайғамбари акрам (с) (ки дар ҳадиси зер баён мегардад) дар байни он ду кӯдаке, ки бо ҳам меҷангиданд, ҷудоӣ андохта, афкори ғалати ононро ислоҳ намуданд. Ҳамчунин афроди бузургро ба дафъи зулму ситам бо анвоъи мухталифи он фаро мехонданд, зеро табиист, ки ҳар вақт зулму ситам бардошта шавад, албатта адолату додгарӣ ҷои онро мегирад.

Чунончи дар ривоят омадааст, Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) гуфт: *"Ду писарбачча, ки яке аз муҳоҷирон ва дигаре аз ансор буданд, бо ҳам меҷангиданд. Писарбаччаи муҳоҷир фарёд мекард: "Эй муҳоҷирон, ба*

---

[21]. Нақл аз «Таҳқиқул-қазияти фил-фарқи байнар-ришвати вал-ҳадяти».. – С. 217, таълифи устод Абдулғании Ноблусӣ.

[22]. Ба ривояти Байҳақӣ аз Анас (р).

[23]. Нақл аз «Таҳқиқу-л-қазияти фи-л-фарқи байна-р-ришвати ва-л-ҳадяти».. – С. 218, Абдулғании Ноблусӣ.

*кӯмакам бирасед!" Ва писарбаччаи ансорӣ низ бо садои баланд нидо дар медод: "Эй қавми ансор, ба кӯмакам бирасед!" Дар ин асно Пайғамбари акрам (с) омада, гуфтанд:* ***«Чӣ хабар аст? Оё даъвои аҳли ҷоҳилият аст?».*** *Мардум гуфтанд: "Не, чизи муҳимме нест, ду кӯдак бо ҳам ба ҷангу низоъ пардохтаанд, ки яке аз он ду лагаде ба пушти дигаре задааст". Он ҳазрат (с) фармуданд:* ***«Ишколе надорад, бояд шахс бародари*** *(динии)* ***худро хоҳ золим бошад, ё мазлум ёрӣ диҳад, ба ин маъно ки агар золим аст бояд ӯро аз ин зулму ситам боздорад ва ӯро ислоҳ намояд, пас ин худ кӯмаке аст ба ӯ ва агар мазлум аст, боз лозим аст, ки ӯро ёрӣ диҳад».***[24]

Оре, яке аз аломатҳои адлу додгарӣ он аст, ки ҳар гоҳ кӯдаконеро дидед, ки бо ҳам дар ҷангу низоъанд, ононро аз ҳам ҷудо карда, оштӣ диҳед ва тарзи тафаккуру бардошти лати эшонро ислоҳ намоед, зеро ҳатман дар миёни онон тарафе золим ва тарафи дигар мазлум воқеъ мешавад. Ба ҳамин хотир аст, ки Тирмизӣ гуфтааст: *"Аҳмад ибни Ҳанбалро дидам, ба ду кӯдак аз фарзандони бузургону нависандагон бархӯрд кард, ки бо ҳам ҷангу низоъ доштанд, фавран онон ро аз ҳам ҷудо кард ва ба рафъи иштибоҳоти эшон пардохт".*[25]

Дар поёни асоси сеюм ин башоратро ба падару модари одилу мураббиёни додгар хотирнишон месозем, ки онон илова бар таҳаққуқ бахшидан ба ҳадафҳои тарбиявии худ дар дунё, дар рӯзи қиёмат ҳам сазовори аҷру подоши неки ухравӣ мегарданд ва он подошҳо иборат аст аз муваффақ шудани эшон ба қарор гирифтан бар минбарҳои нур аз ҷониби Худованд. Умед аст Худованд ҳамаи моро аз зумраи онон бигардонад ва тавфиқи тамассук ҷустан ба адолату додгариро ба мо иноят бифармояд. Ин башорат чунин аст, ки Пайғамбари акрам (с) фармудаанд: ***«Бегумон*** *(дар рӯзи қиёмат)* ***афроди одилу додгар назди Худои ғолибу тавоно бар минбарҳое аз нур аз ҷониби рости Ӯ қарор гирифтаанд ва дар пешгоҳи ақдасаш мақому манзалате доранд ва онон афроди додгаре ҳастанд, ки дар ҳукму доварии худ ва дар байни аҳлу хонаводаи хеш ва бар он чӣ, ки дар таҳти вилояту ҳокимияти онон аст, адолат меварзанд».***[26]

## Кадом вақт ҷоиз аст, ки падару модар яке аз фарзандони худро бар дигаре бартарӣ диҳанд?

[24]. Ба ривояти Муслим аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р).

[25]. Нақл аз «Алодобу-ш-шаръийя валманҳаҷу-л-маръийя, Муҳаммад ибни Муфлиҳи Мақдисии Ҳанбалӣ. – Ҷ. 1.. – С. 182.

[26]. Ба ривояти Муслим аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р).

Имом Аҳмад ибни Ҳанбал гуфтааст: "*Аз ҷониби падару модар бартарӣ додани фарзанде бар фарзанди дигар ва табъиз қоил шудан дар миёни онон ҳаром аст, магар замоне ки омиле ё амри вижае мӯҷиби ин бартарӣ қоил шудан мегардад, дар яке аз фарзандон вуҷуд дошта бошад, пас дар чунин ҳолате бартарӣ додан ишколе надорад*".

Дар китоби «Ал-Муғнӣ» омадааст: "*Агар яке аз фарзандон ба як мақсуди вижае, ки муқтазои ин бартарӣ мегардад, ихтисос дошта бошад, ҷоиз аст ӯро бар дигар фарзандон бартар шумурад. Аз қабили ниёзмандӣ дар замони махсус ва ё ба сабаби нобиноӣ, ё бар асари оиламандӣ ва ё ба хотири машғул шуданаш ба касби илму дониш ва соири фазоилу бартариҳо...*"

Ҳамчунин ҷоиз аст волидайн ба чанд далелҳо аз додани ҳадя ба яке аз фарзандонашон худдорӣ намоянд. Далелҳое аз қабили фисқ ё бидъатгароии фарзанд ва ё ба хотири ин ки он чиро аз падару модараш мегирад, дар роҳи гуноҳу маъсият ва нофармонии Худо харҷ мекунад".[27]

Чунонки имом Аҳмад бартар шумурдани яке аз фарзандонро ва маҳрум намудани дигареро аз ҳадя ва ғайра дар чунин мавориде биломонеъ донистааст...[28]

## Асоси чорум, адои ҳуқуқи фарзандон ва бароварда сохтани хостаи онон

Ҳеҷ шакке нест, ки адои ҳуқуқи кӯдак ва пазируфтани ҳақ аз ҷониби ӯ дарку эҳсоси мусбате аз тасвири зиндагиро дар вуҷуд ва дар умқи рӯҳу равони кӯдак менишонад ва устувор месозад ва ба хубӣ меомӯзад, ки зиндагӣ дарвоқеъ гирифтану бахшидан аст. Илова бар ин, қоил шудани ҳақ ва пазируфтани он тамрине аст барои кӯдак, ҷиҳати одат кардан ба сар фуруд овардан дар баробари ҳақ ва муқовимат варзидан дар муқобили ботил ва онро улгӯқарор додан барои ояндаи худ. Зеро одат кардани кӯдак ба риояи адолат дар қабули ҳақ ва фурӯтанӣ барои он нерӯву тавони ӯро барои таъйини роҳи дуруст дар таъбир аз вуҷуди худ ва талаб намудани ҳуқуқи хеш меафзояд ва онро боло мебарад. Аммо баръакс ва дар ғайри ин сурат ба шикасту хорӣ ва расвоиву нобудии ӯ мунҷар мегардад.

[27]. Ба китоби Ал-Муғнӣ, таълифи Ибни Қудома. – Ҷ. 5.. – С. 604 муроҷиат шавад.
[28]. Нақл аз «Таҳқиқул-қазияти фил-фарқи байнар-ришвати вал-ҳадяти».. – С. 218, таълифи устод Абдулғании Ноблусӣ.

Дар робита бо дифоъ аз ҳаққи худ буд, ки Пайғамбари акрам (с) аз писарбаччае, ки дар тарафи росташон қарор гирифта буд, хостанд аз ҳаққе, ки аз ҷониби Расули Худо (с) насиби ӯ шуда буд, бигзарад, то он ҳазрат (с) онро ба фарди бузургсоле, ки дар тарафи чапашон қарор дошт, бидиҳанд, аммо кӯдак ба ҳеҷ ваҷҳ ҳозир нашуд аз он чӣ, ки аз ҷониби Пайғамбари акрам (с) насиби ӯ шуда буд, ба дигаре дода шавад. Чунонки аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: "*Дар зарфе миқдоре об барои Пайғамбари акрам (с) овcovarданд. Он ҳазрат (с) каме аз онро нӯшиданд, дар ҳоле ки дар тарафи росташон писарбаччае ва аз ҷониби чапашон низ афроди бузургсол буданд. Расули Худо (с) аз он писар иҷозат хостанд, ки (аз тарафи чап шурӯъ кунанд ва аввал) обро ба афроди бузургсол бидиҳанд ва фармуданд: **«Оё иҷозат медиҳӣ**(аввал) **обро ба ин афрод** (бузургсоли тарафи чап) **бидиҳам?».** Он писар гуфт: "Не, эй Пайғамбар (с)! Қасам ба Худо, саҳми худро аз ҷониби шумо ба касе исор намекунам (ва аз ҳаққи худ намегузарам)". Билохира, Пайғамбари акрам (с) зарфи обро дар даст гузоштанд ва ба он кӯдак доданд, то нахуст ӯ аз боқимондаи он баҳраманд гардид*".[29]

Разин гуфтааст: "*Он писарбачча Фазл ибни Аббос (р) будааст*".

Оре, ба хотири адои ҳақ ва пазируфтани ҳақ буд, вақте яке аз кӯдакони навҷавон қабл аз ҷанги Уҳуд дид, ки ҳаққаш нодида гирифта шуда ва монеъи рафтани ӯ ба ҷиҳоди бо мушрикин шудааст, фавран эътирози худро тақдими Пайғамбари акрам (с) кард ва ба маҳбубу баргузидаи Худованд гуфт: "*Эй Расули Худо! Амакзодаамро ба майдони ҷиҳоди бо мушрикин фиристодед, вале монеъи рафтани ман шудед, дар сурате ки агар ман бо ӯ гӯштин бигирам, бар ӯ ғолиб мешавам ва ӯро бар замин мезанам*". Пайғамбари акрам (с) ба он ду кӯдаки навҷавон иҷозат доданд, то дар ҳузурашон гӯштин бигиранд. Дар ин гӯштин он кӯдаки навҷавон муваффақ шуд бар амакзодаи худ ғалаба кунад ва ӯро бар замин занад. Билохира, Пайғамбар (с) иҷозати рафтани ӯро ба майдони ҷиҳод содир фармуданд, то ба унвони як сарбози мусалмон дар муқобили мушрикин ба ҷиҳоду пайкор бипардозад...

Пас, дар ин сурат оё дар дунё шахсе аз назари макону манзалат болотар, аз ҷиҳати ҷоҳу мақом волотар ва аз назари бисёрии сипоҳиёну пайравони дифоъгар ва ҷонбаркаф бартар аз Пайғамбари Худо (с) ёфт мешавад? Ҳаргиз не, чунин нест, зеро ин Пайғамбари акрам (с) аст, ки ҳақро аз кӯдак мешуниданду онро аз Вай мепазируфтанд ва Ӯ аст, ки ба мо омӯхтаанд ва моро низ мутаваҷҷеҳи

[29]. Ба ривояти Бухорӣ ва Муслим аз Саҳл ибни Саъд (р).

ин амри муҳим сохтаанд, ки бидуни такаббуру худбинӣҳақро аз кӯдакон бипазирем ва худро бузургтару бартар аз онон напиндорем.

Акнун метавон рафтори он идда аз бузургон ва сардамдорон ва аҳзоб ва гурӯҳҳои давронро бо кӯдакон ва гурези эшон аз хузӯъ ва адои ҳуқуқи онон нисбат ба ҳадиси зер санҷид ва онҳоро мутаваҷҷеҳи он сохт. Аз Ибни Масъуд (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: “Аз *Пайғамбари акрам (с) хоҳиш кардам, ки калимаҳову ҷумлаҳои ҷомеъу нофеъеро ба ман биомӯзед. Он ҳазрат (с) фармуданд:* ***«Худоро ибодат кун ва ҳеҷ касу ҳеҷ чизеро шарики Ӯ магардон, ҳамеша ва дар ҳар ҷо бо Қуръон бош, аз ҳар кас новобаста аз хурдсол ва ё бузургсол, ки ҳақро ироа намуд, қабул кун ва онро аз ӯ бипазир, агарчи душман ва дур аз ту бошад ва ҳар кас, чи хурдсол ва чи бузургсол, ботилро ироа намуд, онро рад кун ва аз ӯ мапазир, агарчи маҳбубу наздики ту бошад».***[30]

Ҳаққи дигар кӯдак ин аст, ки вақте кӯдак ба аҳкоми намоз ва тиловати Қуръон нисбат ба фарди бузургтар аз худ олимтару огоҳтар бошад, метавон ӯро пешнамоз ва роҳнамо қарор дод. Чунонки аз Муҳоҷир ибни Ҳабиби Зубайдӣ ривоят шуда, ки гуфтааст: “*Абусалама ибни Абдурраҳмон ва Саъид ибни Ҷубайр бо ҳам буданд, Саъид ибни Ҷубайр ба Абусалама гуфт: “Барои мо сӯҳбат кун ва мо аз гуфтаи ту пайравӣ хоҳем кард”. Абусалама гуфт: “Расули Худо (с) фармудаанд:* ***«Вақте се нафар бо ҳам дар сафар бошанд, он касе, ки дар мавриди аҳкоми намоз ва тиловати Қуръон огоҳтар аст, агарчи аз назари синну сол аз эшон хурдтар ҳам бошад, пешнамозӣ кунад ва вақте ки барои эшон пешнамозӣ кард, пас ӯ амиру роҳнамои онон мебошад».*** *Абусалама гуфт: “Аз шумо касе амиру пешнамоз аст, ки муврфиқ ба ин дастури Расули Худо (с) бошад. Ва маълум аст, он фарде мебошад, ки дар мавриди аҳкоми намоз ва тиловати Қуръон аз дигарон огоҳтар аст”.*

Дар ривояте омадааст, ки Абумусои Ашъарӣ (р) ба дари хонаи Умар ибни Хаттоб (р) рафт ва се бор иҷозаи воруд хост, аммо ба ӯ иҷозаи ба хона ворид шудан дода нашуд, мисле ки худи Умар ибни Хаттоб (р) машғули корҳои шахсӣ буд. Пас Абумусо (р) баргашт ва Умар ибни Хаттоб (р) баъд аз ин ки корҳояшро ба итмом расонд ва аз он фориғ шуд, гуфт: “*Оё садои Абдуллоҳ ибни Қайс (Абумусо)-ро нашунидед? Ба ӯ иҷозат диҳед, ворид шавад*”. Гуфтанд: “*Ӯ баргаштааст*”. Сипас, Умар ибни Хаттоб (р) ӯро фаро хонд. Абумусо омад ва гуфт: “*Ба мо чунин дастур дода шудааст, (ки бидуни иҷоза вориди хона нашавем)*”.

---

[30]. Ба ривояти Ибни Асокир ва Дайламӣ аз Ибни Масъуд (р).

Умар ибни Хаттоб (р) гуфт: “*Агар шоҳиду далеле барои ин гуфтаи худ дорӣ, биёр*”. Абумусо назди ҷамъе аз Ансор рафта, мавзӯъро аз эшон пурсид. Онон гуфтанд: “*Ҷуз Абусаъиди Худрӣ, ки аз мо хурдтар аст, бар он гуфтаи ту гувоҳӣ намедиҳад*”. Пас Абусаъидро бо худ назди Умар ибни Хаттоб (р) бурда, моҷароро барои ӯ баён намуд. Умар ибни Хаттоб (р) низ гуфт: “*Ман дар ин маврид аз дастури Расули Худо (с) бехабар мондаам, чун рафтан ба бозору саргарм шудан ба назорати амри тиҷорат ва доду гирифт маро аз он ғофилу бехабар сохтааст*”.[31]

Дар ривояти дигар омадааст, ки афроди он маҷлис гуфтанд: “*Касе барнамехезад, ки бо Абумусо биравад ва гувоҳӣ диҳад, магар камсинну солтарини ин гурӯҳ*”. *Абусаъид гуфт: “Ман камсинну солтарини ин гурӯҳҳастам”. Пас, Абумусо ӯро бурд, то гувоҳӣ диҳад*”. Билохира, дар ривояти дигар чунин омадааст: “*Он қавм гуфтанд: “Касе бо ту ҳамроҳ намешавад, магар он ки аз мо камсинну солтар аст, пас бархез, эй Абусаъид, бо ӯ бирав*”.

Оре, эй бародари мусалмон! Оё донистӣ, ки амирулмӯъминин Умар ибни Хаттоб (р) чӣ гуна ҳақро аз кӯдаке ба номи Абусаъиди Худрӣ пазируфт. Пас, чаро мо ҳам ба ӯ иқтидо накунем ва аз амалкарди ӯ пайравӣ нанамоем?

Бояд донист, ки салафи солеҳ низ аз кӯдакон ҳар навъ сухани ҳақро мепазируфтанд. Чунонки Абуҳанифа аз гуфтаи кӯдаки хурдсоле панд гирифт ва онро барои ҳамеша ба кор баст. Имом Абуҳанифа вақте кӯдакеро дид, ки бо гил бозӣ мекунад, (ба унвони шӯхӣ) ба ӯ гуфт: “*Ҳушёр бош, дар гил налағжӣ!*” Он писарбача дар ҷавоби имоми бузургвор гуфт: “*Ту худ аз афтодан ва лағжидан дар масоили динӣ барҳазар бош, зеро лағжидани олим дар умури динӣ лағжидани олам аст*”. Абуҳанифа бар асари ин сухани кӯдак чунон такон хӯрд ва дилу замираш тавре бедор гашт, ки баъд аз он гуфтугӯ ҳеҷ фатвоеро содир намекард, магар ин ки як моҳи тамом бо шогирдонаш онро мавриди баҳсу баррасӣ, машварат ва табодули назар қарор медоданд.[32]

Мисъар гуфтааст: “*Ҳамроҳи Абуҳанифа роҳ мерафтем, ногаҳон Абуҳанифа надидаву надониста пой рӯи пои кӯдаке гузошт. Он кӯдак ба Абуҳанифа гуфт: “Эй пирамард! Оё аз қасос дар рӯзи қиёмат наметарсӣ?”* Мисъар мегӯяд: “*Абуҳанифа он гуфтаи кӯдакро, ки шунид, аз ҳуш рафту афтод. Ман бар болини ӯ истодам, то ба ҳуш омад ва ба вай гуфтам: ”Эй Абуҳанифа! Гуфтаи ин кӯдак чӣ сиҳати қалби туро гирифт!” Дар ҷавоб*

[31]. Ба ривояти Муслим.

[32]. Нақл аз муқаддимаи ҳошияи Ибни Обидин.

*гуфт: "Метарсам он чиро ин кӯдак баён намуд ба ӯ талқину илҳом шуда бошад ва ман дар рӯзи қиёмат кайфарашро бубинам".*[33]

Ибни Зафари Маккӣ дар ривояте гуфтааст: "Огоҳӣ *ёфтам, ки Сиррӣ ибни Миғласи Сақатӣ ояти зерро барои муаллиму мураббии хеш хонд:* **«Ва насуқул-муҷримина ило ҷаҳаннама вирдо».** *Ва гуфт: "Эй устод! Мурод аз вожаи* **«вирдо»** *дар ин оят чист?" Устодаш гуфт: "Намедонам. Сипас Сиррӣ ин оятро барои ӯ хонд:* **«Ло ямликунаш-шафоъата илло мани-т-тахаза ъинда-р-раҳмони аҳдо».**[34]*Ва гуфт: "Эй устод мурод аз* **«аҳдо»** *дар ин оят чист?" Устодаш гуфт: "Намедонам". Сиррӣ қироатро қатъ карду дигар чизе аз Қуръон нахонд ва ба устодаш хитоб карда гуфт: "Вақте ки ту намедонӣ, пас чаро мардумро фиреб медиҳӣ?" Устодаш ӯро зад. Сипас Сиррӣ гуфт: "Эй устод! Оё ҷаҳлу ғурур туро басанда набуд, то ин ки зулму азиятро ба он ду изофа кардӣ?" Устодаш аз вай бахшиш хост ва дар пешгоҳи Худованд тавба карда, аз адаб намудани ӯ пушаймон шуд. Аз он баъд ба талаби илму донишандӯзии бештаре пардохт ва мегуфт: "Ба ростӣ, Сиррӣ маро аз ҷаҳлу ноогоҳӣ озод кард".*

Табиист, ҳарчи бештар ин гуна достонҳову ривоятҳоро нақл кунем, роҳу равишро барои мо равшантар мегардонад ва моро бар гӯш додан ба суханони кӯдакон одат медиҳад. Аз он ҷумла, нақл мекунанд, ки кӯдаке ба номи Ҳусайн ибни Фазл назди яке аз хулафо, ки бисёре аз аҳли илму фазл пеши ӯ нишаста буданд, омад. Он кӯдак мехост дар он маҷлис сухан бигӯяд. Аммо халифа ӯро ронд ва монеъи сухан гуфтанаш шуду гуфт: "*Оё кӯдак дар чунин мақоме сухан гӯяд?*" Он кӯдак гуфт: "*Агар ман кӯдакам, мусалламан аз ҳудҳуди Сулаймон (а) хурдтар нестам ва ту низ аз Сулаймон (а) бузургтар нестӣ, ҳангоме ки ҳудҳуд ба ӯ гуфт:* **«Ман бар чизе огоҳӣ ёфтам, ки ту аз он огоҳ нестӣ...».**[35] Сипас он кӯдак ба халифа гуфт: "*Оё намедонӣ, ҳудҳуд ба Сулаймон (а) ҳикматҳову донишҳоеро омӯхт? Илова бар он агар амр ба бузургӣ бастагӣ медошт, албатта Довуд (а) авлавият дошт".*[36]

Қаблан баён гардид, ки писари навҷавоне ҳамчун Шофеъӣ, чӣ гуна он иштибоҳи Имом Моликро тасҳеҳ намуд ва имом Молик низ гуфтаи ӯро пазируфт...

---

[33]. «Маноқиби Абуҳанифа, таълифи Ибни Аҳмади Маккӣ.. – С. 406.

[34].**«Шафоат карда натавонанд, магар касе, ки аз назди [Худои] Раҳмон аҳде гирифтааст».** Сураи Марям, 19: 87.

[35]. Сураи Намл, 27: 22.

[36]. Нақл аз «Тазкиратул-обо ва таслиятул-абно, таълифи Ибни Адим.. – С. 64.

Мегӯянд, вақте ки Умар ибни Абдулазиз ба хилофат расид, ҳайате ба унвони намояндаи мардум барои табрик гуфтан ба муносибати мақому мансаби ҷадиди ӯ ба мулоқоташ рафтанд. Кӯдаки навҷавоне ба намояндагии он ҳайъат пеш рафт, то бо халифа сухан бигӯяд. Халифа Умар ибни Абдулазиз ба он писари навҷавон гуфт: "*Оё ин қавм фарди калонсолтар аз туро наёфтанд, то сухан бигӯяд?*" Он кӯдаки навҷавон гуфт: "*Эй амиралмӯъминин! Агар кор ба бузургии синну сол бастагӣ медошт, ҳатман дар ин мақому манзалати ту фарде бузургтару калонсолтар аз ту вуҷуд дошт. Эй амиралмӯъминин, магар намедонӣ, ки арзиши шахс ба ду узви хурдаш, яъне забону қалбаш бастагӣ дорад?! Оё намедонӣ, ки магзҳои пур аз илму маърифат андарзу роҳнамоиро аз кӯдакон низ мепазиранд ва бо камоли тавозӯъ ба суханони эшон гӯш фаро медиҳанд ва аз ироаву назариёти онон истифода мекунанд, ки ба ин васила бисёре аз афкор ва роҳу равиши хешро ислоҳ мекунанд?*"
Худованд ҳамаи моро дар роҳи ҳидояту иршоди саҳеҳ қарор диҳад ва ба мо ин тавфиқро иноят бифармояд, ки ҳақро аз хурду бузург бипазирем, омин...

## Асоси панҷум, дуъо барои кӯдакон

Дуои хайри волидайн яке аз аркони асливу муҳимме аст, ки бояд падарону модарон ба он пойбанд бошанд ва бояд замону лаҳзаҳои муносиберо, ки Пайғамбари акрам (с) иҷобати дуоро дар он баён фармудаанд, дар назар бигиранд ва онро комилан риоя кунанд. Зеро дар ин гуна вақтҳову лаҳзаҳои таъйиншуда дуои волидайн назди Худованд мустаҷоб мешавад. Табиист, ки дуои хайр отифаро меафзояд, рӯҳро шоду қалбро равшан месозад ва муҳаббату шафқатро дар қалби падару модар устувор мегардонад...
Аз ин рӯ, лозим аст падару модар барои ислоҳи фарзанди худ, ба хотири беҳтар шудани ояндаи ӯ дар пешгоҳи Ҳақ таоло ба тазаррӯъу илтимос биафтанд ва ин худ бар асоси оятҳое, ки дар аввали китоб баён шуданд,[37] суннат ва роҳу равиши пайғамбарону расулон мебошад. Бо ин вуҷуд, мутаассифона падарону модароне ёфт мешаванд, ки фарзандонашонро дуъои бад мекунанд. Ин тоифа падарону модарон бояд бидонанд, ки амали онҳо бисёр хатарнок аст, ба гунае ки ҳар андоза роҷеъ ба хатари он бигӯем, боз кам гуфтаем, ба хотири ин ки

[37]. Аз ҷумла ояти 127-и сураи Бақара, 38-и сураи Оли Имрон, 35, 40, 41-и сураи Иброҳим, 74-и сураи Фурқон, 19-и сураи Намл, 15-и сураи Аҳқоф» ва …..

дуъои бади падару модар, илова бар ин ки мӯҷиби табоҳ шуданиояндаи кӯдак мешавад, боиси нобудии худи падару модар низ мегардад. Ба ҳамин хотир аст, ки Пайғамбари акрам (с) падарону модаронро аз дуъои бад барои фарзандони худ манъ кардаанд. Зеро ин амал аз ахлоқи исломӣ нест ва мухолифи тарбияи набавӣ аст ва дур аз барномаву роҳу равиши Пайғамбари акрам (с) дар робита бо даъвати мардум ба сӯи Ислом мебошад, чунки Пайғамбари акрам (с) ҳатто барои мушрикони Тоиф дуъои бад накарданд, балки фармуданд: ***«Умедворам Худованд аз насли эшон афродеро ба вуҷуд биоварад, ки Худовандро парастиш кунанд».*** Дуъояшон мустаҷоб шуд ва орзуяшон бароварда гардид. Ба ҳамин сабаб аст, ки мебинем Пайғамбари акрам (с) падарону модаронро аз дуъои бади фарзандони худ манъ намуда, мефармоянд: ***«Ба зиёни худ, фарзандон, хидматгорон ва ҳамчунин амволу дороии хеш дуъои бад накунед, мабодо дуъои*** *(бади)* ***шумо бо соате мувофиқ ояд, ки дар он дуъо мустаҷоб мегардад ва дар натиҷа Худованд дуъои бади шуморо қабул кунад».***[38]

Имом Ғаззолӣ дар "Эҳё" баён кардааст, ки марде пеши Абдуллоҳ ибни Муборак омада, аз азияту озор расонидани фарзандаш ба ӯ шикоят мекард. Ибни Муборак ба ӯ гуфт: "*Оё то кунун ба зиёни ӯ дуо кардаӣ?*" Он мард гуфт: "*Оре, дуо бад ба ӯ кардаам*". Ибни Муборак гуфт: "*Пас худат ӯро фосиду мунҳариф гардонидаӣ*".[39]

Бинобар ин, лозим аст падару модар ба ҷои ин ки ба василаи дуои бад сабаби табоҳию бероҳагии кӯдак гарданд, беҳтар, ки бо дуои хайри худ сабаби ислоҳуояндаи равшани ӯ шаванд. Чунонки Пайғамбари акрам (с) ҳамин корро анҷом медоданд ва барои кӯдакон дуои хайр мекарданд. Худои рауфу меҳрубон низ дуояшонро мустаҷоб намуда,ояндаи ононро дар кору молу фарзанд муборак мекард. Чунонки аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: "*Пайғамбари акрам (с) маро дар оғӯши хеш гирифтанд ва гуфтанд:* ***«Худоё! Ҳикмату донишро ба ӯ биомӯз».*** Дар ривояти дигар омадааст: "*Фармуданд:* ***«Қуръон, тафсир ва мафоҳими Қуръонро ба ӯ биомӯз».*** Саранҷом ба сабаби фазлу баракати дуои Пайғамбар (с) яке аз бузургону муфассирони Қуръон гардид.

Оре, ин Расули Худо (с) буданд, ки услуби дуо карданро барои наҷоти кӯдаке гирифтанд, то ин ки ӯ модари насронияшро тарк карда, ба падари мусалмонаш бипайвандад ва ӯро ихтиёр кунад. Табиист, дар

---

[38]. Ба ривояти Абӯдовуд ва Муслим аз Ҷобир (р).

[39]. Нақл аз «Эҳёул-улум». – Ҷ. 2.. – С. 18.

ин амал панду ибрати далолаткунанда бар аҳамияти ин услуби набавӣ нуҳуфтааст, ки соири услуби ғайриисломӣ дорои ин гуна аҳамият нест. Чунонки ривоят шудааст, *бобои Абдулҳамиди Ансорӣ мусалмон шуд, аммо занаш аз мусалмон шудан худдорӣ намуд. Ин мард писари хурдсолашро, ки ҳанӯз ба балоғат нарасида буд, бардошта назди Пайғамбари акрам (с) овард. Он ҳазрат (с) ба падари он писар фармуданд: **«Ту ин ҷо бинишин»** ва ба модараш фармуданд: **«Ту он ҷо бинишин».** Сипас, кӯдакро мухайяр карданд, ки падарашро мехоҳад, ё модарашро? Барои ӯ дуъо карда фармуданд: **«Худоё ӯро ҳидоят кун».** Кӯдак дар асари дуъои он ҳазрат (с) падари мусалмонашро интихоб намуда, ба ӯ пайваст ва модари номусалмонашро тарк кард.*[40]

Мухолифату нофармонӣ аз падару модар, агарчи дараҷаи бисёр камтаре аз куфр мебошад, аммо бо ин васф роҳи илоҷи он ҳамон дуъои хайри падару модар бар услуби Пайғамбар (с) мебошад ва ба василаи он метавон решаи нофармониро аз ҷо канда, аз байн бурд. Ба шарти ин ки падару модар дар дуъои хеш камоли ихлосро дошта бошад ва ҳатто дар сафар ҳам онро идома диҳад. Чунонки омадааст, Пайғамбари акрам (с) ҳар вақт аз шаҳр берун мешуданд ва бар шутури худ савор шуда ба сафар мерафтанд, се бор **“Аллоҳу акбар”** мегуфтанд, сипас ин оятро мехонданд:

﴿سُبۡحَٰنَ ٱلَّذِي سَخَّرَ لَنَا هَٰذَا وَمَا كُنَّا لَهُۥ مُقۡرِنِينَ ١٣﴾ [الزخرف: ١٣]

**«Пок аст Худое, ки ин** (маркаб)**-ро барои мо мусаххар сохт, ҳол он ки мо бар он тавоно набудем. Ва ба ростӣ ки мо ба сӯи Парвардигорамон бозгардандаем».**[41]

Сипас, мефармуданд: ***«Худоё дар ин сафари худ хайру некӣ ва тоату парҳезгориро аз Ту металабем ва амалеро мехоҳем, ки мавриди пазиришу хушнудии Ту бошад. Илоҳо, заҳмату машаққати ин сафарро бар мо саҳлу осон бигардон ва тавфиқи паймудани масофаи онро ба мо иноят бифармо! Парвардигоро, дар ин сафар Туӣ рафиқу ҳамроҳ ва*** *(дар набудани мо)* ***танҳо Туӣҳофизу нигоҳдорандаи аҳлу хонавода. Худоё! Ман ба Ту паноҳ мебарам аз заҳмату машаққати ин сафар, ҳамчунин, ҳангоми бозгашт*** *(ба ватан)* ***ба Ту паноҳ мебарам аз***

---

[40]. Ба ривояти Абдурраззоқ дар «Мусаннаф»-и худ бо санади хеш аз Абдулҳамиди Ансорӣ (р) аз падараш ва аз бобояш. Ва ба ривояти Аҳмад ва Насоӣ.

[41]. Сураи Зухруф, 43: 13-14.

***ин ки манзараи нохуш ва тағйири бадиеро дар молу аҳлу хонаводаи худ бубинем».***[42]

Табиист, ки модарон дар замони Паёмбари гиромӣ (с) бисёр мехостанд ва дӯст медоштанд, ки Пайғамбари акрам (с) барои кӯдаконашон дуъои хайр кунанд, то ба саҳму баҳраи хубе аз дунёву охират ноил шаванд, ҳамон тавре, ки Уммисулайм, модари Анас аз Расули Худо (с) хостор шуд, то барои Анас дуо кунанд. Он ҳазрат (с) барои ӯ дуо карданд. Чунонки аз худи Анас (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: “*Уммисулайм гуфт: “Эй Расули Худо (с), барои хидматгори худ Анас дуои хайр кунед!” Он ҳазрат (с) фармуданд:* ***«Худоё молу фарзанди ӯро биафзо ва он чиро, ки ба ӯ ато фармудаӣ, мубораку пурхайру баракат бигардон!».***[43]

Дар ривояти дигар омадааст, ки Анас (р) гуфт: “*Модарам тамоми баданамро бо нисфи чодараш печонд ва онро бар ман ба сурати ридо гардонд, сипас пеши Пайгамбари акрам (с) оварду гуфт: “Эй Расули Худо (с)! Инак, писарам Анасро пеши шумо овардам, то шуморо хидмат кунад. Пас барои ӯ дуои хайр кунед. Он ҳазрат (с) фармуданд:* ***«Худоё, молу фарзандони ӯро биафзо!».***[44]Анас мегӯяд: “*Ба Худо қасам (дар асари он дуо) имрӯз дорои молу сарват ва фарзандони бисёре мебошам, ба гунае ки теъдоди фарзандону набераҳоям ба ҳудуди сад нафар мерасанд”.*

Дар ривояте омада, ки Абухулда гуфтааст: “*Анас (р) муддати даҳ сол ба Пайгамбари акрам (с) хидмат кард ва баъдҳо богу бӯстоне дошт, ки ҳар сол ду бор мева медод ва дар он гулҳои бисёр муаттаре буданд”.*[45]

Аз Абуҳамза ибни Абдуллоҳ ривоят шуда, ки мегӯяд: “*Аз Абуубайдуллоҳ ибни Утба ибни Масъуд пурсидам: “Чӣ хотирае аз Расули Худо (с) ба ёд дорӣ?” Гуфт: “Ба ёд дорам, дар ҳоле ки панҷ ё шашсола будам, Пайгамбари акрам (с) маро дар огӯши худ нишонида, даст бар сарам кашиданд ва барои ману насли ояндаам дуои хайру неке карданд”.*[46]

Агар касе бипурсад: “Оё кӯдаке, ки ҷавоби садо задани падару модарашро намедиҳад, нисбат ба онон азияту озордиҳанда мебошад?” Дар ҷавоб бояд гуфт: “Оре, ин кор гуноҳ аст, чунонки ҳазрати Яъқуб дар посух ба писаронаш гуфт: “*Аз Парвардигорам бароятон талаби омӯрзиш хоҳам кард”.*

---

[42]. Ба ривояти Муслим ва ҳамчунин ба ривояти Ибни Хузайма дар «Саҳеҳ». – Ҷ. 4.. – С. 138 ва 141 ривоят кардааст.

[43]. Ба ривояти Шайхон ва Тирмизӣ аз Анас (р).

[44]. Ба ривояти Бухорӣ.

[45]. Ба ривояти Тирмизӣ аз Абухулда (р).

[46]. Ба ривояти Ҳоким дар «Мустадрак». – Ҷ. 3.. – С. 259.

## Асоси шашум,
## харидани бозичаҳо барои кӯдакон

Чунончи мушоҳида мешавад, кӯдакон, ба вижа духтарбачаҳо, дар даврони кӯдакии худ алоқаи шадиде ба бозӣ бо муҷассамаҳову асбоб ва васоили дигар доранд. Ин алоқамандӣ намоёнгари ин воқеият аст, ки кӯдак ба асбоби бозии мавриди алоқааш аз қабили муҷассамаҳои хурд ва ғайра ниёзманд мебошад ва илова бар ин, нигоҳ кардани Пайғамбари акрам (с) ба Абуумайр дар ҳоле ки бо паррандаи хурде, ки дошт, бозӣ мекард, далели дигаре аст бар ин ки кӯдак ниёзманд ба асбоби бозӣ мебошад, то ин ки ба василаи онҳо худро саргарму ором созад.

Дар ривоят омадааст, ки Ҳусайн ибни Алӣ (р) дар даврони хурдсолияш сагбаччаи хурде дошт, худро ба он саргарм мекард. Чунонки аз Алӣ ибни Абутолиб (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: "*Аз ҷониби Расули Худо (с) соате аз субҳ барои ман таъйин шуда буд, ки дар он соат назди он ҳазрат (с) мерафтам. Ҳар гоҳ наздашон мерафтам, иҷозати вуруд мехостам. Агар он ҳазрат (с)-ро дар ҳоли намоз хондан меёфтам, «Субҳоналлоҳ» мегуфтанд ва баъд дохил мешудам ва агар фориғ аз намоз медидам, ба ман иҷозати вуруд медоданд. Шабе наздашон рафтам, ба ман иҷозати вуруд дода, баъд фармуданд:* ***«Фариштае назди ман омад.*** *(Ва ё фармуданд:)* ***Ҷибриил назди ман омад, ман гуфтам: "Дохил шав". Ҷибриил гуфт: "Дар хона чизе ҳаст, ки наметавонам дохил шавам".*** *(Он ҳазрат (с) мефармоянд:) "****Нигоҳ кардам ва гуфтам: "Ҷустуҷӯ намудам, чизеро намеёбам". Ҷибриил ба ман гуфт: "****(Он ҷоро)* ***бингар". Ман нигаристам, ногаҳон сагбаччаи хурдеро, ки азони Ҳусайн ибни Али буд, дидам, ки ба пояи тахт дар хонаи Уммисалама баста шудааст. Ҷибриил гуфт: "Фариштагон, ё мо ҷамоати фариштагон дохили хонае, ки дар он акс ё саг ва ё шахсе дар ҳоли ҷунуб бошад, ворид намешавем».***[47]

Аммо бояд донист, ки чӣ касе ин гуна асбобу васоилро барои кӯдак таҳия мекунад? Мусалламан ин падару модаранд, ки васоилу асбоби бозиҳоеро, ки мутаносиб бо синну сол ва қудрату тавоноии кӯдак мебошад, мехаранду дар ихтиёри ӯ қарор медиҳанд, то бо машғул сохтани ақлу фикри худ ба он ҳавоси хешро ба кор андохта, кам-кам рушд кунад ва ҷисму фикраш тақвият ёбад. Зеро шакке нест,

[47]. Ба ривояти Абуяъло дар «Муснад». – Ҷ. 1.. – С. 445 бо санади саҳеҳ.

ки бозӣ ва асбоби бозӣ аз назари ҷисмиву фикрӣ барои кӯдак бисёр муфид мебошад...

Аз ин рӯ, лозим аст падару модар дар вақти харидани асбоби бозӣ барои кӯдаки хеш пурсишҳои зерро дар миёни худ матраҳ намоянд ва дар бораи фоида расондани он ба кӯдак, чи аз назари ҷисмӣ ва чи аз лиҳози фикрӣ, ба машварат бипардозанд, то бидонанд, оё он чиро мехаранд, фоидае дорад ё на? Пас, бояд аз худ бипурсанд:

1. Оё ин асбоби бозиро, ки мехаранду дар ихтиёри кӯдаки худ қарор медиҳанд, чунон ҳаст, ки нишоти кӯдакро барангезад ва аз назари ҷисмиву тандурустӣ ба ӯ фоидае бирасонад?

2. Оё аз он навъ васоиле аст, ки барои кашф кардан ва тасарруф дар ашё рафъи ниёзмандии кӯдакро мекунад ва ӯро розиву хушнуд месозад?

3. Оё ба гунае ҳаст, ки зеҳни кӯдакро барои кушодану ҷамъ кардани ашё омода созад?

4. Оё аз ҷумлаи васоиле аст, ки зеҳни кӯдакро барои пайравӣ аз роҳи бузургон шуҷоъ кунад? Ва ӯро ба тақлид аз роҳу равиши тафаккур, шеваи диққат ва тадаббури онон водор намояд ё на? Бинобар ин, агар дар тамоми мавридҳои боло ҷавоб мусбат аст, пас, таҳияи ин гуна асбоби бозӣ аз назари тарбиявию омӯзишӣ барои кӯдак муносибу муфид мебошад.[48]

## Асоси ҳафтум,
## кӯмак кардан ба кӯдакон дар некӣ ва тоати Худованд

Бидуни тардид, падару модаре, ки ба фароҳам намудани фазои солим ва таҳияи асбоби муносиб барои фарзанди худ аҳамияти зиёд медиҳанд, то ин ки дар мавриди эшон фарди некӯкоре гардад, машмули ин дуои хайри Пайғамбари акрам (с) мегарданд, ки дар он аз Худованд мехоҳанд, раҳмату ризвони худро бар падарону модароне, ки ба фарзандони худ чунин мусоадат мекунанд, нозил бифармояд. Чунонки фармудаанд: ***«Худованд ба падару модаре раҳм кунад, ки фарзанди худро бар некӣ карданаш ёрӣ медиҳанд».***[49]

Дар ривояти дигар омадааст, ки Расули Худо (с) фармуданд: ***«Фарзандони худро бар некӣ кардан кӯмак кунед, зеро ҳар кас бихоҳад,***

[48]. Нақл аз мақолаи Доктор Бону Солеҳа Синқар дар «Маҷаллату муаллими-л-арабияту-с-сурия, шумораи (11 ва 12), соли 1979.

[49]. Ба ривояти Ибни Ҳиббон.

***метавонад азияту озор расониданро аз қалби фарзанди худ берун кунад (ва ӯро ислоҳ намояд)».[50]***

Бинобар ин, падарону модароне, ки дар робита бо кӯмак намудан ба фарзандонашон бар некӣ аз худ сустиву бетафовутӣ нишон медиҳанд, масъулияти бузурге мутаваҷҷеҳи онон мешавад, ба вижа, агар қудрату тавоноии берун овардани мухолифату нофармониро аз даруни эшон дошта бошанд, он ҳам ба василаи ҳикмату мавъизаи ҳасана ва давом бахшидан ба муддати замони он…

## Асоси ҳаштум,
## дурӣ ҷустан аз маломату сарзаниши зиёди кӯдак

Амри возеҳ аст, ки Расули Худо (с) кӯдакро нисбат ба тасарруфоту аъмоле, ки анҷом медод зиёд мавриди маломату сарзаниш қарор намедоданд ва камтар сарзанишу накӯҳиш мекарданд. Чунонки Анас (р) муддати даҳ сол пайваста ба Пайғамбари акрам (с) хидмат кардааст, дар бораи ахлоқу тарзи тарбия карданашон чунин мегӯяд: «*Ҳар кореро, ки анҷом медодам, намегуфтанд:* ***«Чаро онро анҷом додӣ?».*** *Ва ҳар кореро, ки анҷом намедодам, намегуфтанд:* ***«Чаро онро анҷом надодӣ?».***

Ҳамчунин гуфтааст: «*Муддати даҳ сол, ки барояшон хидмат мекардам, дастури анҷом додани ҳар кореро, ки ба ман медоданд ва ман дар анҷом доданаш сустӣ мекардам, ё онро зоеъ мегардонидам, маро мавриди маломату сарзаниш қарор намедоданд. Агар яке аз аҳли байти он ҳазрат (с) маро сарзаниш мекарданд, мегуфтанд:* ***«Ӯро бигзоред ва маломат накунед, чун агар метавонист онро анҷом диҳад ва ё агар муқаддар мешуд, ки он кор анҷом гирад, ҳатман анҷом мегирифт».***

Оре, ин услуб ва роҳу равиши Пайғамбари акрам (с) аз ҷумлаи масоиле аст, ки унсу улфат гирифтан ба диққати нигариш ва рӯҳи шарму ҳаёро дар замири кӯдак менишонад. Ҳамчунин асари дигаре дорад ва он ин аст, ки падарону модаронро мутаваҷҷеҳ ба ин месозад, ки аз касрати маломати фарзандони худ ва аз баёни айбҳову нуқсонҳои онон дурӣ ҷӯянд. Чунонки ривоят шудааст, Пайғамбари акрам (с) ва бинобар қавли Абубакр (р), ё Умар (р) ба марде, ки чизи сохташудаи писарашро маъюбу ноқис месохт, гуфтанд: ***«Ҳамоно писарат тире аст аз тирдони ту,*** *(яъне ҳарчи бошад писари ту аст, ӯро сарзанишу маъюб макун)*».[51]

---

[50]. Ба ривояти Табаронӣ аз Абуҳурайра (р).
[51]. Ба ривояти Имом Аҳмад аз Анас (р).

Бинобар ин, вақте ки падар писарашро маъюбу ноқис гардонад, бешудҳа, хештанро маъюб сохтааст, зеро ӯ танҳо василаи таваллуд шудани ин фарзанд будааст. Аз ин рӯ, сазовор аст, ки барои тарбияи саҳеҳ ва парвариши солими ӯ мубодират варзида, барои он пешӣ гирад.

Шамсиддини Инбобӣ дар рисолаи худ **«Риёзату-с–сибён ва таълимуҳум ва таъдибуҳум»** ин андешаро чунин возеҳу равшан намуда, гуфтааст: «*Набояд дар ҳар замону дар ҳар ҳолат кӯдакро зиёд мавриди маломат қарор дод, чун ин кор мӯҷиби саҳлу осон гардонидани маломат бар ӯ мегардад ва дар натиҷа густох мешавад, ба гунае ки бебокона даст ба аъмоли зишту ношоиста мезанад*».[52]

[52]. Нақл аз «Ат-Тарбияту фил-Ислом».. – С. 130.

IslamHouse.com